«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х.
______________________________
«18» ___06___ с. 2022

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

оид ба мубрамият ва аҳамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ муҳокима гардида, дар асоси суратмаҷлиси №8 аз 2-уми апрели соли 2022 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович соли 2006 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил гардида, соли 2013 онро аз рӯи ихтисоси “ҳуқуқшиносӣ” хатм намуда, аз соли 2013 то ба ҳол ба сифати ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ фаъолият дорад.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 8-уми июни соли 2022, №65 дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботи манзурнамудаи банди 17-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Роҳбари илмӣ** – Гадоев Бурҳонидин Саймудинович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мубрамии мавзуи (предмет) таҳқиқот**. Баъд аз соҳибихтиёр гаштани Тоҷикистон ва эътирофи принсипҳои гуногунандешии сиёсӣ, мафкуравӣ ва бисёрҳизбӣ ҳамчунин барои мустаҳкам намудани мақому манзалати онҳо дар Конститутсияи ҶТ зарурати мавриди таҳлилу баррасии ҷиддӣ қарор додани мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ пеш омад. Бо фаъолияти босамари худ ҳизбҳои сиёсӣ чун пайвандгари муносибатҳои ҳуқуқӣ-сиёсӣ миёни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷамъият амал мекунанд. Ҳизбҳои сиёсӣ барои таҳия ва татбиқи банормаю стратегияҳои давлат заминаи муҳим эътироф гашта, барои такмили қонунгузорӣ ва рушду нумуи илми ҳуқуқи конститутсионии Тоҷикистон саҳми арзанда мегузорад.

Ба андешаи муаллифи рисолаи диссертатсионӣ дар таърихи инкишофи давлат ва ҷомеа нақши падидаҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ хеле арзишманданд. Ташаккул ва инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки кӯшиши якҷоя намудани ҳадаф ва мақсадҳои ягонаи шаҳрвандон баҳри ҳифзи ҳуқуқҳои дастаҷамъӣ ва таъсис додани ҳар гуна созмон ва ташкилоти ҷамъиятӣ аз давраҳои қадимтарин ҷой доштанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур муаллиф таҳаввулоти инкишофи падидаи ҳизбҳои сиёсиро ба омилҳои гуногуни таърихӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва инқилобӣ бештар алоқаманд медонад. Дар пайдоиш ва инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ нақши муассирро ба падидаҳои

парлумон, ҳуқуқи интихоботии умумии шаҳрвандон, намояндагӣ, гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравӣ ва инчунин принсипҳои демократия асос медиҳад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур муаллиф назари худро роҷеъ ба як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалии мансуб ба ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла омилҳои пайдоиш ва инкишоф, моҳият ва сохтор, принсипҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳо, ниҳодинашавӣ (институтсинализатсия), иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳамкорӣ бо дигар падидаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар низоми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ пешкаш намудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки ин диссертатсия дар илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ аввалин ва ягона кори илмӣ дар омӯзиши масоили марбут ба ҳизбҳои сиёсӣ мебошад. Дар кори диссертатсионӣ масъалаи ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва субъекти муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ амиқ таҳлил гардида, шарҳи муаллифии масоили мансуб ба мақоми ҳизбҳои сиёсӣ дар низоми сиёсии кишвар ва хусусиятҳои хоси ҳуқуқии онҳо асоснок ва пешниҳод карда шудааст. Ҳамчунин, аввалин маротиба аз ҷониби муаллиф таҳлили чунин масъалаҳои муҳимме, чун мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ, ниҳодинашавии (институтсионализатсияи) ҳизбҳои сиёсӣ, иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди идоракунии корҳои давлатӣ, ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳои ҳизбҳои сиёсӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ ва робитаи ҳизбҳои сиёсӣ бо дигар субъектони муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ амалӣ шуда, барои такмили қонунгузорӣ дар танзими муносибатҳои соҳаи мазкур тавсияҳо дода мешавад.

Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, навгонии рисолаи илмӣ ва ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқот омӯзиши масъалаи мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар низоми сиёсии кишвар ва таҳлилу баррасӣ намудани ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун падидаи таъминкунандаи ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрвандони Тоҷикистон ба муттаҳидшавӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсадҳои дар таҳқиқот гузоштташуда иҷрои вазифаҳои зерин зарур мебошад:

1) баррасии раванди пайдоиш ва ташаккули падидаи ҳизбҳои сиёсӣ ва асосноккунии он дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ;
2) муайян намудани мафҳуми ҳизбҳои сиёсӣ ва мавқеи он дар низоми иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ;
3) муайян намудани махсусияти танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии сохтор ва таркиби ҳизбҳои сиёсӣ;
4) таҳлили шакл, усул, принсипҳои ҳуқуқӣ, тарзи ташкилёбӣ ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар ҶТ;
5) мавриди таҳлил қарор додани тартиби таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ тибқи қонунгузории ҶТ;
6) муайян намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон;
7) зарурати асосноккунии назорати давлатӣ ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсии ҶТ ва ҷавобгарии ҳуқуқии онҳо.

Хулоса ва тавсияҳои илмии дар диссертатсия матраҳгардида бо истифода аз ақидаҳо ва мафҳумҳои пазируфташудаи илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин қонунгузории давлатҳои алоҳида оид ба ҳизбҳои сиёсӣ исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузоштташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 20 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 13 мақола дар нашрияҳои дигар бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба табъ расонидааст. Интишороти муаллиф мазмун ва моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намуда, таҳлили онҳо дар қисми хулоса ва тавсияҳои диссертатсия ҷой дода шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми муҳокимаи рисола дар ҷаласаҳои кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон озмуда шудаанд ва дар конференсияҳои ҳарсолаи анъанавии ҳайати профессорону омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ, дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва баналмилалӣ ироа гардидаанд, муаллиф дар онҳо бо маъруза баромад кардааст. Муқарроти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаву маҷмӯаҳо ба нашр расидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои зерин ба тариқи маърӯза аз ҷониби муаллифи рисола пешниҳод гардидаанд:

а) **байналмилалӣ:** «Инкишофи падидаи конститутсионализм дар даврони истиқлолияти Тоҷикистон» - бо маърузаи «Нақши бунёдии ҳизбҳои сиёсӣ дар замони муосир» Душанбе, 2014; «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ваҳдати миллӣ» бо маърузаи «Табиати ҳуқуқӣ ва таркиби ҳуқуқи иштироки шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ» Душанбе, 2017; «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития» бо маърузаи «Конституционно-правовой статус политических партий в Республике Таджикистан и в странах СНГ: конституционно-сравнительный анализ». VII-Международная научно-практическая конференция. –Душанбе, 2019.

б) **ҷумҳуриявӣ:** «Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози XVI- Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди қонунгузорӣ» - бо маърузаи «Роҷеъ ба масъалаҳои пайдоиш ва

инкишофи падидаи ҳизбҳои сиёсӣ дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ» Душанбе, 2017; «Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ» - бо маърузаи «Ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» Душанбе, 2021.

Маврид ба тазаккур аст, ки нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки аз ҷониби унвонҷӯ дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории ҳизбҳои сиёсӣ дар ҶТ саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои «Ҳуқуқи конститутсионии ҶТ ва мамлакатҳои хориҷӣ», «Ҳуқуқи парлумонии ҶТ», «Ҳуқуқи интихобот ва низоми интихобот», ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм ва рисолаҳои магистрӣ истифода бурд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муаллиф маводи назариявӣ ва амалии мавзуи кори пешниҳодшударо амиқ омухтааст. Дар натиҷа ӯ бори аввал тавонист: таърихи пайдоиш ва инкишофи ҳизбҳои сиёсиро пайгирона мушоҳида намояд; мафҳумҳо, принсипҳо, сохти ин ҳизбҳоро асоснок намояд; хусусиятҳои асосӣ ва тамоюлҳои навро дар таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ошкор созад; ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳизбҳои сиёсӣ чун субъектҳои низоми сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва падидаи амалигардонандаи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро мушаххас намояд. Махсусан, таҳлили муаллиф оид ба иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди фаъолияти ҳокимияти иҷроия ва намояндагии давлатӣ, ҳамкории онҳо бо падидаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аҳамияти калон дорад. Тавсияҳои муаллиф оид ба боз ҳам беҳтар намудани мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷумҳурӣ низ саҳми муҳим доранд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2021, таҳти №7 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад ва саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад.

Қарор карда шуд:

1. Диссертатсияи Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-019 тавсия карда шавад.

Хулоса дар маҷлиси муштараки кафедраҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар маҷлис иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 17 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси ҷаласаи муштараки кафедраҳои ҳуқуқи конститутсионӣ,

ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (таъйиноти декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 06 майи соли 2022, таҳти №19) аз 18-уми июни соли 2022.

**Раиси маҷлиси муштарак:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Куканов А.З.

**Котиби маҷлиси муштарак:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Наимов Б.Ғ.

**Муқарризи №1:**
дотсенти кафедраи тиҷорат ва ҳуқуқи
Донишкадаи иқтисод ва савдои
Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Абдуллоева Д.Ф.

**Муқарризи №2:**
мудири кафедраи ҳуқуқи инсон
ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саъдизода Ҷ.

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«18» 06 2022 с.**